**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи “Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)” барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Мавзӯе, ки аз ҷониби диссертант Шоҳиён Мансур мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст, воқеан ҳам яке аз масъалаҳои муҳимми журналистикаи муосир аст, зеро сухан дар атрофи обрӯву нуфуз ва эътибори воситаҳои ахбори омма, дар маҷмӯъ, шарафи касбӣ меравад.

Диссертант хеле хуб ин заруратро дарёфта, дар бахши “аҳамияти мавзӯи таҳқиқот”-и автореферат менависад: “пешрафти технологияи коммуникатсионӣ, баланд гардидани савияи дониш ва ҷаҳонбинии аудитория, ба манфиатҳои шахсию гуруҳӣ майл кардани воситаҳои ахбори омма, дар ҷойи аввал қарор гирифтани фаврият ва саҳеҳият, вусъат пайдо кардани зиёдагӯиву пурҳарфӣ, ибрози фикрҳои мухталифи баъзан санҷиданашуда дар ВАО масъалаҳои наву мубрамро ба миён овардааст, ки таҳқиқу баррасиҳои илмиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, рушди воситаҳои ахбори оммаи электронӣ, вусъат пайдо кардани муносибати демократӣ дар фаъолияти журналистӣ, масъалаи мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист ва риояи онро ба контексти илми журналистика мекашад”.

Дар идомаи сухан иброз мешавад, ки тавассути мантиқ сухан муназзам мегардад, фикрҳо маврид пайдо мекунанд, гуфтору намоиш муассир мешавад. Мантиқ ба гуфтор солорӣ мебахшад ва ба дарку фаҳми шунавандаву бинанда кӯмак мерасонад. Ин ва дигар омилҳо зарурати ба нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистон таваҷҷуҳи хоссаи илмӣ зоҳир намуданро ба миён овардааст.

Мо низ ба ин мавқеъ мувофиқем, ки таваҷҷуҳи хоссаи илмӣ ба нақши мантиқ дар фаъолияти журналистӣ зарурат дорад. Ин мувофиқатро моҳияти маҷмӯие, ки аз автореферати диссертатсия бармеояд, ба вуҷуд овардаву тақвият мебахшад. Шоҳиён М.Б. «вижагиҳои мантиқии мундариҷаи намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ», «нуқси мантиқӣ ва омилҳои рух додани он дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ», «истифодаи мантиқии навор ва аксу сурат дар телевизион, матбуоти даврӣ ва сомонаҳо», «дараҷаи нақди барномаҳои телевизион ва радио дар матбуоти даврӣ ва расонаҳо», «категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар журналистика», «қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо ба журналистика», «муҳокима – категорияи идоракунандаи фикр», «хулосабарорӣ ва ду назарияи журналистика»-ро таҳқиқу баррасӣ намуда, маводи зиёдеро мавриди таҳлил қарор дода, ба натиҷаҳои арзишманди илмӣ даст ёфтааст.

Муҳимтарин дастоварди диссертант, аз нигоҳи мо, дарки пурраи мавзӯъ аз ҷониби ӯст. Шоҳиён М.Б. худ қонунҳои мантиқро хуб фаҳмидааст ва таҳлилҳояш низ нигоҳи мантиқии устувор доранд. Масалан, вақте доир ба назарпурсии оҷонсии иттилоотии «Тоҷнюс»: «Фаъолияти Шабакаи аввали телевизиони «Тоҷикистон»-ро чӣ гуна баҳо медиҳед?» изҳори назар мекунад, аз нигоҳи мантиқ, муносибати ғайрикасбии кормандони ин расонаро таъкид менамояд; диссертант ҳақ аст: мақсади мантиқӣ ин, ки як расона дар доираи аудиторияи худ наметавонад ба фаъолияти расонаи дигар баҳо диҳад.

Дар баробари ин комёбиҳо, дар автореферати диссертатсия аз нигоҳи мо камбудиҳо низ мушоҳида шуданд:

- Нуқси мантиқӣ ва омилҳои рух додани он дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоиро баррасӣ қарор гирифта, омилҳои гуногуни рух додани нуқси мантиқӣ зикр мешавад,

аммо ба пайванди мантиқ бо ахлоқ – боиси нуқси мантиқӣ гардидани риоя накардани меъёрҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳ нашудааст.

- Қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо ба журналистика баррасӣ шуда, мисолҳо танҳо атрофи риоя нагардидани қонунҳои мантиқ зикр шудаанд. Аз нигоҳи мо, агар мисолҳое низ тазаккур меёфтанд, ки дар онҳо қонунҳои мантиқ риоя шудаанд, моҳияти мавзӯъ мушаххастар мегардид;
- Дар автореферат хатоҳои ҷузъии имлоӣ ба назар расид.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи "Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**Сармуҳаррири Муассисаи**
**давлатии маҷаллаи "Илм ва ҳаёт"** **Раҳимҷонов Х.У.**

*Суроға: ш. Душанбе, к. Н. Қаробоев 17 а*
*Тел.: +992 233-25-18, 93-489-26-56*
*E-mail: khushdil_09@list.ru*

*Имзои Раҳимҷонов Х.У.-ро тасдиқ мекунам:*
**Масъули бахши кадрҳо:** **Доробшоева Ҳ.Б.**